Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 117 (4537) | ДУШАНБЕ, 19 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ



**18 сентябри соли 2022 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин доир гардид.**

Зимни он сарони ҳар ду давлат дар идомаи муколамаи мунтазам ҷанбаҳои алоҳидаи мубрами муносибатҳои дуҷонибаи шарикии стратегиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Вазъият дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Қирғизистон, инчунин, масъалаҳои рушди вазъият дар Осиёи Марказӣ низ дар маркази диққати ҷонибҳо қарор дошта, дигар ҷанбаҳои таъмини амнияти минтақавӣ, аз ҷумла қазияи Афғонистон, баррасӣ гардиданд.

Президентҳо, ҳамчунин, ҷадвали корӣ ва масъалаҳои рӯзномаи чорабиниҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи дарпешистодаро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**www.president.tj**

Солҳои 2022 – 2026 «Солҳои рушди саноат»

## ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОД БА РУШДИ САНОАТ АЛОҚАМАНД АСТ

**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба соҳаи саноат таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Зеро саноатро муҳаррики иқтисодиёт мегӯянд ва бидуни ин соҳаи муҳим таъмин намудани рушди иқтисод ғайриимкон аст. Ин аст, ки бо бунёду мавриди истифода қарор додани корхонаву коргоҳҳои хурду бузурги саноатӣ сол то сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зиёд шуда, ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тамоюли афзоишро касб кардааст. Масалан, тайи 6 моҳи аввали соли равон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 22,2 миллиард сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,3 миллиард сомонӣ зиёд ва суръати афзоиш ба 117,6 дарсад баробар мебошад. Маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби 227 корхонаи таъсиррасони соҳа ба маблағи зиёда аз 4 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтааст.**

Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин давра гардиши савдои хориҷӣ 4 миллиарду 135,2 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 16,5 фоиз ё 585 миллион доллари ИМА зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии содирот, ки 1,4 миллиард доллари ИМА мебошад, 740 миллион долларро ҳиссаи соҳаи саноат ташкил медиҳад. Ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 308 миллион доллари ИМА зиёд аст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2022 дар ҷумҳурӣ 175 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 2367 ҷои кори нав сохта, ба истифода дода шуда, онҳо ба маблағи зиёда аз 280 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд.

Дар арафаи ҷашни 31- солагии Истиқлолияти давлатӣ дар соҳа зиёда аз 19 корхонаи миёна ва хурд мавриди истифода қарор дода шудааст.

Воқеан, соҳаи саноат дар мамлакат рӯ ба афзоиш дошта, бо мақсади тадриҷан зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардидааст.

Ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф, таҳия ва қабули маҷмӯи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, таъсиси кластерҳои саноатӣ ва паркҳои технологӣ, ташкили марказҳои логистикӣ ва бизнес-инкубаторҳо дар бахшҳои соҳаҳои саноат аз шартҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

### ЛОКОМАТИВИ СОҲА

Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, 93 дарсади ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Ҳарчанд релефи мураккаб мушкилоти зиёдро дар ҳаёти рӯзмарраи инсон ба вуҷуд орад, аммо кӯҳҳо ҳам манбаи зиндагии ҳазорҳо нафар буда метавонанд. Хусусан, кӯҳҳои Тоҷикистон, ки дар зерашон даҳҳо навъи маъдан ва металлҳои қиматбаҳо доранд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабул ва татбиқи «Барномаи рушди соҳаи саноати коркарди тилло ва нуқра барои солҳои 2002-2010», «Барномаи рушди заргарӣ, сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ барои солҳои 2009-2015», «Барномаи давлатии рушди соҳаи саноати истихроҷу коркарди тилло ва нуқра барои солҳои 2012-2016» ба рушди соҳаи саноати маъдан ва металлҳои қиматбаҳо замина гузоштааст.

Металлургияи ранга дар байни дигар соҳаҳои саноат мавқеи пешбарандаро ишғол мекунад. Рушди ин соҳа ба манбаи бузурги ашёи хом ва талаботи рӯзафзун дар ҷаҳон асос меёбад.

Бино ба иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нави кишвар, вазни қиёсии соҳаи маъданҳои кӯҳӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ агар соли 1991 - ум 8 дарсад бошад, пас дар ҳафт моҳи соли 2022 ба 34,9 дарсад баробар мебошад.

Дар давраи солҳои 1992 - 2022 дар соҳаи саноати кӯҳии ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 43 корхона, аз он ҷумла 26 корхонаи истихроҷу коркард, даҳ корхонаи заргарӣ ва ҳафт корхонаи истихроҷ ва коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ дар шакли нави моликият таъсис ёфтанд. Яке аз самтҳои асосии рушди стратегии саноати кӯҳкорӣ ба амал баровардани тадбирҳо ҷиҳати азхудкунии конҳои нав мебошад. Бо ин мақсад охири соли 1992 ҷиҳати истихроҷ ва коркарди маъданҳои кони «Тарор» бо иқтидори солонаи 250 ҳазор тонна коркарди маъдан комбинати тилло мавриди истифода қарор гирифт. Дар марҳилаи аввали кори фабрикаи тиллобарорӣ сохтмони навбати дуюми он бо мақсади зиёд кардани иқтидори солона то 500 ҳазор тонна ба назар гирифта шуд.

Моҳи августи соли 2007-ум 75 дарсади саҳмияҳои ҶММ КМ «Зарафшон» аз тарафи Ширкати кӯҳӣ-саноатии «Зиҷин»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой харидорӣ шуда, таҳлили пурраи истеҳсолот бо қисмҳои эҳтиётӣ ва таъминоти маводи истеҳсолӣ гузаронида шуд.

«Зиҷин» баъд аз харидани саҳмияҳои корхона аз аввали фаъолияташ дар ҶДММ КМ «Зарафшон» зиёда аз 306 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ намудааст, ки он асосан барои иваз намудани техникаву таҷҳизоти кӯҳии куҳнашуда, ворид намудани дастгоҳ ва технологияи муосир ва маводи истеҳсолӣ истифода бурда шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 2)

Ба истиқболи 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ИҶЛОСИЯЕ, КИ ЗАМИНАИ САРҶАМЪИВУ ПЕШРАФТРО ГУЗОШТ

**16 ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд, ки дар он аз 230 нафар вакил 197 нафар иштирок карданд. Ба бахти сокинони кишвар дар он иҷлосияи таърихӣ вакилони мардумӣ якдилона Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шӯрои Олӣ интихоб намуданд. Дар он айёми пурваҳшату душвор, ки ҳеҷ кас ба як соати ояндаи зиндагиаш бовар надошт, ин вакили ҳаққгӯю ҷасур масъулияти роҳбарии кишвари дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ азияткашидаро ба дӯш гирифта, дар дили ҳамватанон умеду боовариро ба ояндаи нек ҷо намуд. Нахустин паёми роҳбари ҷавону софдил ва хайрхоҳ барқарор кардани сулҳу осоиштагӣ буд.**



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи декабри соли 1992 дар Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон чунин гуфтанд: «Ҳамватанони муҳтарам! Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисону фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

Ҳама шоҳидем, ки Сарвари давлат барои барқароршавии сулҳу осоиштагӣ дар мамлакат чӣ заҳматҳо кашидаанд. То ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, яъне 27 июни соли 1997, Пешвои миллат ба хотири осоиштагии мамлакат 21 маротиба гуфтушунид ташкил карда, ҳафт маротиба дар муколамаҳо шахсан иштирок намуданд.

Ҳамчун Роҳбари давлат 80 маротиба ба халқи Тоҷикистон муроҷиатнома, хитоба, суханрониҳои расмӣ, мусоҳибаю табрикот намуда, доимо аз дӯстию ваҳдат суҳбат мекарданд. Ба дили мардуми аз ҷанги шаҳрвандӣ бехонумоншуда бо суханони умедбахшу рӯҳафзо раҳ меҷустанд: «Ҳамдиёрони азиз, ба Ватан баргардед! Ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, аммо як пора ноне, ки дорем, бо ҳам мехӯрем». Ҳамин неруи суханони самимӣ ва дилсӯзона буд, ки як миллион мардуми овора ба диёр баргашта, аз паи ободии Ватан шуданд.

Пас аз истиқрори сулҳ бо ибтикори Пешвои миллат бо мақсади баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ шоҳроҳҳои Душанбе - Кӯлоб - Дарвоз - Хоруғ - Мурғоб, Айнӣ - Панҷакент, Душанбе - Файзобод- Лахш - Қарамиқ, Душанбе - Турсунзода- Дӯстӣ, роҳи оҳани Душанбе - Ваҳдат - Ёвон ва ғайра ба истифода дода шуданд. Тавассути бунёди нақбҳои «Анзоб» ва «Шаҳристон» ҳаракати нақлиёт бо роҳи мошингарди Душанбе - Хуҷанд тамоми сол таъмин гардид. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ қабл аз бунёди нақбҳо роҳи мошингарди вилояти Суғд қариб шаш моҳ баста буд.

Тавассути бунёди силсилапулҳо аз болои дарёи Панҷ роҳи мошингард ба Афғонистон боз гардид. Оянда бо истифода аз ин пулҳо метавон ба бандарҳои Эрону Покистон роҳ ёфт, ки ин боиси афзоиши робитаҳои тиҷоратии Тоҷикистон бо соири мамолики дунё мегардад.

Баҳри ноил гаштан ба истиқлолияти энергетикӣ дар ҷумҳурӣ неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», инчунин, ду агрегати Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва садҳо неругоҳҳои хурд ба истифода дода шуданд. Ин имкон дод, ки кишвари мо на танҳо бо неруи барқ пурра таъмин шавад, балки неруи барқи изофаро ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ интиқол диҳад.

Дар бахши таъмини амнияти озуқаворӣ низ дар даврони соҳибистиқлолӣ корҳои зиёд ба сомон расиданд. Истеҳсоли ғаллаю сабзавот, меваю ангур ва асал бамаротиб зиёд шуд. Маҳсулоти боғҳои интенсивию гармхонаҳои муосир берун аз ҷумҳурӣ содир мешаванд.

Дар самти саноатикунонии босуръати мамлакат низ пешравиҳои зиёд ба чашм мерасанд. Албатта, сарчашмаи ин ҳама дастоварду пешравиҳо интихоби дурусти вакилони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ мебошад.

Имсол аз баргузории он иҷлосияи тақдирсоз 30 сол пур мешавад. Боварӣ дорем, ки ин санаро бо ифтихору сарфарозӣ таҷлил карда, Тоҷикистони азизамонро ба яке аз кишварҳои пешрафта табдил медиҳем.

**Музаффар МАҲМУДОВ,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ДАРВОЗ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ РАВНАҚ ЁФТ

**Аз рӯзҳои нахустини истиқлолият бо роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқи барномаи стратегӣ - баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ оғоз гардид. Дар мадди аввал баҳри пайваст намудани Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо маркази ҷумҳурӣ сохтмони шоҳроҳи байналхалқии автомобилгарди Душанбе - Кӯлоб - Дарвоз - Хоруғ - Мурғоб - Қулма оғоз гашт.**



Бунёди ин роҳ, ки аз синаи ба қаъри дарёи Панҷ фурӯрафтаи силсилакӯҳҳо ва мавзеи Девдара мегузашт, таҳти назорати доимии Пешвои миллат қарор дошт. Пеш аз ҳама, қитъаи вазнинтарин ва мушкилтарин - Шоҳон - Зиғар сохта шуд.

Сипас, то сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой сохтмони роҳи мошингарди қариб 100 - километраи Мурғоб - Қулма ба итмом расид ва ВМКБ аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфт. Бо ҳамин умеду орзуи даҳсолаҳои сокинони Бадахшон дар нахустин солҳои соҳибистиқлолии мамлакат ҷомаи амал пӯшид.

Мардуми Дарвоз ва саросари Бадахшон шукргузоранд, ки меъмори асосии бунёди шоҳроҳи Душанбе - Кӯлоб - Дарвоз - Хоруғ - Мурғоб - Қулма Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Қитъаи бештар аз 100 - километраи роҳи Шоҳон - Зиғар - Шкевро, ки мошинҳо пештар дар давоми панҷ-шаш соат тай менамуданд, акнун дар ду соат тай мекунад.

Сохтмони қисмати роҳи Шамсиддини Шоҳин - Шоҳон - Зиғар - Шкев - Қалъаи Хумб ҳам ба талаботи байналмилалӣ мавриди истифода қарор гирифт. Аз болои селроҳаҳои мавзеъҳои Хирманҷой, Кишт ва Оби ниёв, ки мавсими боронгариҳо мошинҳо шабу рӯзҳои дароз дармемонданд, се пули дарозиашон 300 - 310 - метраи тавоноии борбардориашон зиёда аз 100 тонна сохта шуд. Соли ҷорӣ сохтмони роҳи садкилометраи Дарвоз-Ванҷ оғоз гардид.

Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Дарвоз Абдураҳмонзода Саидбурҳон иброз дошт, ки мардуми ноҳия низ чун дигар сокинони вилоят дар даврони шӯравӣ аз норасоии неруи барқ танқисӣ мекашиданд. Ягона неругоҳи хурди барқи обии солҳои панҷоҳуми асри гузашта бо иқтидори 200 кВт/соат дар рӯдхонаи Хумбов сохта шуда, эҳтиёҷи сокинони маркази ноҳияро таъмин карда наметавонист.

Солҳои ҳаштодуми асри пешин тариқи ағбаи Хобу Рубот хатти баландшиддати барқии Шугнов - Тавилдара - Сағирдашт - Қалъаи Хумб инчунин, хатти барқии 10 кВт иқтидордоштаи Қалъаи Хумб - Зиғар - Пошхарв ва чанде баъдтар хатти барқии Курговад - Ванҷ кашида шуд, аммо танқисии неруи барқ аз миён бардошта нашуд

Хушбахтона, бо дастгирии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳили Хумбов неругоҳҳои барқи обии «Ширг-1» ва «Ширг-2» бо иқтидори қариб 800 кВт/соат сохта, мавриди истифода қарор гирифтанд. Навсозии хатҳои баландшиддати 35 - киловатта Қалъаи Хумб - Зиғар - Ванҷ низ ба анҷом расонида шуд. Ҳамин тариқ, тавассути ғамхориҳои беназири Президенти мамлакат сокинони ноҳияи Дарвоз ҳам дар қатори сокинони шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Шуғнону Рӯшон ва Роштқалъаву Ишкошим аз истиқлолияти энергетикӣ бархӯрдор гаштанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Дарвоз низ як қатор корҳо ба ҷо оварда шуд. Ин диёр ба мисли дигар минтақаҳои Бадахшон агарчӣ хеле камзамин бошад ҳам, заминаш ҳосилхез буда, чарогоҳҳои доманфарох, боғистонҳо ва дар самтҳои дигари кишоварзӣ шароит ва имконияти фаровон дорад. Дар ин давра соҳаи лимӯпарварӣ ва анору анҷирпарварӣ низ хеле рушд ёфт.

Дар ин минтақа захира ва имкониятҳои боз ҳам бештар дар рушди кишоварзӣ ва чорводориву дигар соҳаҳо мавҷуданд. Мавриди зикр аст, ки солҳои шастум ва ҳафтодуми асри гузашта як қисмати даштҳои Роғак, Ёвон ва Ёгед дар Ҷамоати деҳоти «Нулванд» аз худ карда шуда буд. Алҳол ба нақша гирифта шудааст, ки дар ин мавзеи фарози кӯҳсорон боз ба таври илова камаш 300 гектар киштзори нав аз худ карда мешавад.

Абдураҳмонзода Саидбурҳон, ҳамчунин, иброз дошт, ки бо ғамхориҳои Пешвои миллат, маблағгузориҳои Ҳукумати мамлакат, кумаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, инчунин соҳибкорони бонангу номуси диёр тайи ин солҳо дар маркази ноҳия ва деҳоти дуру наздики он зиёда аз 80 иншооти нави самти иҷтимоӣ ва бисёр манзилҳои истиқоматии ба талаботи меъморӣ ҷавобгӯ бунёд гаштанд.

Кохи бонувон бо номи «Меҳри модар», корхонаи истеҳсоли сангҳои қиматбаҳо, корхонаи дӯзандагӣ дар Ҷамоати деҳоти «Сағирдашт», хонаи фарҳанги ба номи Акашариф Ҷӯраев, толорҳои варзишии «Ориён-Арена» ва «Вастан», варзишгоҳи замонавӣ, нахустин маркази савдои чорошёна, истироҳатгоҳи «Чорчаман»-и мавзеи Паткуноб, рустои нави аҳолинишин дар мавзеи Яхчисор, инчунин бунёд шудани меҳмонхонаи шашошёнаи «Карон - плаза», маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ бунёд ёфтанд.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ деҳаҳои қадимаи Дашти Шер, Марғак, Пушта роғ, Мадраса, Зингироғ, Жаку Марғ, Яхчи сор ва Яхчи миёна, дар маҷмӯъ, 14 деҳа эҳё гаштанд.

Дар ноҳия ҳоло панҷ корхонаи саноатӣ фаъолияти назаррас дошта, маҳсулоти корхонаҳои саноатии он ба манотиқи кишвар ва берун аз он содирот мешавад.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# АҲАМИЯТИ ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ҲАЁТИ ҲУҚУҚИИ КИШВАР

**Шакли идоракунии президентӣ дар давлатдорӣ таҷрибаи пешқадам ба ҳисоб рафта, аз мавқеи Президент дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлатӣ дарак медиҳад.**

**Бояд гуфт, ки дар ҷумҳуриҳои шакли идоракуниашон президентӣ дар масъалаҳои идоракунӣ, таъмини мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалӣ, таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд Президент мавқеи марказиро ишғол намуда, нақши калидӣ дорад, ки инро мо дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон баръало мушоҳида менамоем.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия дар танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ташаккули рукнҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи аввалиндараҷаро ишғол намуда, бо тарзу усулҳои гуногун ба ҳаёти ҳуқуқии ҷомеи шаҳрвандии Тоҷикистон таъсири мусбат расонида, идоракунии давлатро ба роҳ мемонад.

Яке аз роҳҳои муассир ва афзалиятноки иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии давлатӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ қабули санадҳои дорои хусусияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузоридошта ба ҳисоб меравад.

Тибқи моддаи 58 Конститутсияи кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад. Яъне, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок намуда, метавонад бевосита лоиҳаи қонунҳоро барои қабул, тағйир ва қатъи қонунҳои амалкунанда пешниҳод намояд.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 70 Конститутсияи мамлакат, Президент дар доираи салоҳияташ фармон ва амр медиҳад.

Дар асоси талаботи сархати 8 қисми 2 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017 таҳти №1414, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 22 қонуни мазкур, санади меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли фармон баровардa мешавад. Аз муқаррароти моддаи зикршудаи қонун бармеояд, ки танҳо фармони дорои хусусияти меъёридоштаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ баромад карда, ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ эътироф карда мешавад.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти фардӣ доранд ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намебошанд, зеро онҳо хислати ташкилӣ ва иҷроишӣ доранд.

Дар асоси муқаррароти сархати 1 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад.

Фармонҳои хусусияти меъёрии ҳуқуқидоштаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва давлати навини Тоҷикистон аҳамияти бағоят бузург дошта, муайянкунандаи дурнамои рушди ҷомеа, ташаккули пояҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ, кафили ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инкишофи бемайлони муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъминкунандаи шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона ва дар маҷмӯъ, баҳри таъмини муташаккилии назму субот ва рушди ҷомеаи Тоҷикистон равона гардидаанд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти шароити ҳозираи эътирофи расмии ҳуқуқҳои фитрии инсон ва талаботи фитрӣ - ҳуқуқӣ ба тасвиб расонида мешаванд, ки ин бо омили дар асоси Конститутсияи кишвар эълон шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ муайян карда мешавад.

Иҷрои фармонҳои Президент барои ҳама мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ ва таъмини иҷрои қатъии он вазифаи ҳокимияти иҷроия мебошад.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа ва давлат қабул шуда, хусусияти муайянкунанда доранд. Яъне, онҳо дурнамои рушди ҷомеа ва инкишофи бемайлони муносибатҳои ҷамъиятиро муайян мекунанд. Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаи навини Тоҷикистон аҳамияти фавқулода муҳим дошта, баҳри таъмини назму субот, пойдорӣ ва бардавомии давлатдорӣ, устувории сохти конститутсионӣ, пешрафти ҷомеа ва давлат, инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи якпорчагии мамлакат ва амнияти комили миллӣ ба тасвиб расонида мешаванд.

**Намоз АМОНЗОДА,**
**судяи Суди шаҳри Душанбе**

**(Идома аз саҳ. 1)**

# ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОД БА РУШДИ САНОАТ АЛОҚАМАНД АСТ

Айни замон сехи оҳакбарории иқтидораш 10 ҳазор тонна дар як сол, сехи ба навъҳо ҷудокунанда - майдакунанда бо иқтидори 10 ҳазор тонна маъдан дар як шабонарӯз, майдони ишқоронидани ғарам барои коркарди на камтар аз 2,5 миллион тонна маъданҳои камфайз дар як сол сохта шуда, пурра фаъолият мекунанд.

Дар ин давра коргоҳҳои якум ва дуюм, сохтмони фабрикаи ғанигардонии маъдан бо иқтидори 2000 тонна маъдан дар як шабонарӯз ва коргоҳи холискории тилло ва нуқра бо иқтидори то 10 тонна дар як сол (аффинаж) мавриди истифода қарор дода шуд.

Ба кор даромадани коргоҳи холискории тилло ва нуқра барои ташкили ҷойҳои нави кор ва сарчашмаи нави андозбандӣ мусоидат намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ афзоиш ёфтааст.

Маҳсулоти аввалини корхона бо бастани шартномаи дутарафа аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон харидорӣ карда шуд.



18 октябри соли 2015 бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фабрикаи бойгардонии маъдан бо арзиши лоиҳавии 160 миллион доллари ИМА ва бо иқтидори коркарди 10 ҳазор тонна маъдан дар як шабонарӯз бо таъсиси 100 ҷои нави кор мавриди истифода қарор гирифт.

Бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли тилло, ба кор андохтани технологияи коркарди тилло ва маъдани нуқрадор, зиёд намудани ҷойҳои кор, пардохти андозҳои давлатӣ, зиёд намудани ҳаҷми содиротии маҳсулот ва зиёд намудани хазинаи асъори хориҷӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми декабри соли 1995 таҳти №724 дар заминаи кони «Қайроққум» ҶДММ Тоҷикистону Канада «Апрелевка» таъсис ёфт. Маҳсулоти истеҳсолкардаи он хӯлаи «Доре» буда, тилло ва нуқра дар Корхонаи воҳиди давлатии «Металлҳои нодири Тоҷикистон» холис карда мешаванд.

Бино бар маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати саноат ва технологияҳои нав, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми июли соли 1999 таҳти №289 Идораи маъдани Олтин-Топкани шаҳраки Зарнисор ва иншооти дигар аз тарози ҶСК «Комбинати маъдантозакунии Олмалиқ» ба моликияти хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Кони маъдани «Олтин-Топкан» дар як сол зиёда аз 1,5 миллион тонна маъдани сурбу рӯҳ, ки дар таркибаш элементҳои ҳамсафар, аз қабили нуқра дорад, истихроҷ менамуд, вале он пурра дар Комбинати кӯҳии металлургии Олмалики Ӯзбекистон коркард мешуд.

Моҳи июни соли 2007 дар заминаи Идораи маъдани Олтин-Топкан Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» расман ба фаъолият шурӯъ намуд. Он корҳои барқарорсозии конҳои маъдани зеризаминиро дар моҳи августи соли 2007 оғоз бахшид.

Моҳи апрели соли 2014 бо иштироки Сарвари давлат хишти аввали корхонаи металлургӣ бо иқтидори 50 ҳазор тонна сурб гузошта шуд. Марҳилаи аввали он дар минтақаи саноатӣ соли 2017 бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гардид.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли тилло, ташкили ҷойҳои нави кор ва ғанӣ гардонидани буҷети давлат бо ҷалби сармояи ватанӣ Артели заршӯии «Одина», Корхонаи давлатии казонии махсусгардонидашудаи «Тиллои Тоҷик», ҶДММ «Авесто Одина», ҶДММ «Нахш», ҶДММ «Таком Голд», ҶДММ «Шимшо» низ таъсис дода шуданд.

Тибқи «Барномаи рушди заргарӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ барои солҳои 2009-2015», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 255 аз 29 апрели соли 2009 тасдиқ ёфтааст, таъсиси даҳ корхонаи заргарӣ ва коркарди санг дар ҷумҳурӣ пешбинӣ гардид. Ҳоло бошад, 15 корхонаи коркарди санг ва заргарӣ амал мекунад.

Соли 2012 дар заминаи ҶДММ «Равшан» корхонаҳои заргарӣ дар шаҳраки Консой ба кор шурӯъ намуд. Иқтидори истеҳсолии корхона имкон дорад, ки дар як моҳ 15 кило нуқра ва 5 кило тиллоро ҳамчун маҳсулоти тайёр коркард намояд.

27 августи соли 2019 бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе Корхонаи заргарии «Зари Тоҷик» бо ҷалби сармояи ватанӣ дар ҳаҷми 7 миллион сомонӣ ба фаъолият оғоз кард. Иқтидори истеҳсолии солонаи он коркарди 120 кило тилло ва 400 кило нуқра мебошад.

Ҳамчунин, ҶДММ «Ширкати металлургии Анзоб» моҳи апрели соли 2020 сохтмони навбати дуюми корхонаро ба анҷом расонида, фаъолияти мунтазам дорад. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти молӣ дар ҳафт моҳи соли 2022 ба 5 ҳазору 663,2 тонна сурмаи металлӣ расонида шудаст.

Коргоҳи заргарӣ дар назди Кооперативи тиҷоратии «Артели заршӯии Одина» дар мавзеи Чилчанори ноҳияи Ховалинг тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, дорои ду утоқи коркарди тилло ва ду мағозаи фурӯши маҳсулоти заргарӣ мебошад.

Нимаи аввали соли 2022 бо мақсади татбиқи «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», «Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2025» ва дар доираи солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» иқтидорҳои истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «ТАЛКО Голд» ва коргоҳи поксозии тилло ва нуқраи ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Оғози истеҳсоли маҳсулот имкон фароҳам меорад, ки ҷиҳати ба роҳ мондани коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ то маҳсулоти ниҳоӣ бо бунёд намудани корхонаи нави металлургӣ ва коргоҳи поксозии (аффинаж)-и тилло аз тарафи роҳбарияти ҶСП «Талко Голд» чораҳои амалӣ андешида шуда, барои навсозии инфрасохтори маҳалли ҷойгиршавии ҷамъият, аз ҷумла роҳҳо, маблағи зарурӣ ҷудо карда шавад.

Дар ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» дар заминаи конҳои тиллои «Кумарғи боло» ва «Дуобаи Шарқӣ» ба бунёди фабрикаи бойгардонӣ бо иқтидори коркарди солонаи 900 ҳазор тонна маъдан ва иншооти ёрирасон шурӯъ намуда, корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Бо мақсади пурра намудани занҷираи истеҳсолӣ ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ», дар баробари сохтмони фабрика, коргоҳи металлургии поксозии тиллоро сохта, ба истифода додааст.

Ба фаъолият шурӯъ намудани иншооти зикршуда барои ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва марҳила ба марҳила ташкил намудани 2500 ҷои кори нав имкон фароҳам ояд.

Лозим ба таъкид аст, ки саноати ангишт яке аз муҳимтарин сохтори комплекси сӯзишворию энергетикӣ ва саноати кӯҳкорӣ мебошад. Фароҳам омадани шароити мусоид дар ин давра ва афзоиши талабот ба ангишт боиси таъсиси 18 адад корхона, аз ҷумла 6 - давлатӣ ва 12 - ғайридавлатӣ дар 11 кони ангишт гардид.

Қобили зикр аст, ки дар ҳафт соли охир ба соҳаи саноати ангишт зиёда аз 560 миллион сомонӣ сармоягузорӣ карда, миқдори техникаҳои махсуси кӯҳӣ аз 36 то 631 адад расонида шуд.

Дар баробари таъмини талаботи дохилӣ, инчунин, айни ҳол содироти ангишт ба ҷумҳуриҳои Покистон, Афғонистон ва Ӯзбекистон ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини талаботи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва тақвияти содирот, ҳаҷми истихроҷи ангишт дар соли 2022-юм 2 миллиону 738 ҳазор тонна ба нақша гирифта шудааст.

## АФЗОИШИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ САБУК АЗ 63 БА 525 АДАД

Шароит ва иқлими мусоиди кишвар омили асосии рушди соҳаи кишоварзист. Хусусан, парвариши пахта, ки ашёи хоми асосии саноати сабук ба ҳисоб меравад, хоси кишвари мост. Чорвои хурду калон низ таъминкунандаи ашёи хом дар соҳаи саноати сабук ба ҳисоб меравад.

Коркарди ашёи хоми маҳаллӣ - нахи пахта, пӯст, пашм ва пилла ҳамчун афзалиятҳои соҳа дониста шудаанд.

Тавре аз Вазорати саноат ва технологияҳои нав иттилоъ доданд, давоми 31 соли Истиқлолияти давлатӣ зиёда аз 60 корхонаи калони соҳаи саноати сабук ва пилла ифтитоҳ ёфтааст, ки дар натиҷа 11 ҳазору 100 нафар бо ҷои кор таъмин шудаанд. Иқтидорҳои нав асосан дар самтҳои коркарди пахта ва нахи пахта, пӯст, истеҳсоли пахтаи тиббӣ, маҳсулоти дӯзандагӣ, ҷӯроббофӣ, мебелсозӣ, халтабарорӣ ва истеҳсоли пойафзол сохта, ба истифода дода шудаанд.

Шумораи корхонаҳои соҳаи саноати сабук, аз ҷумла ресандагӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, ҷӯроббофӣ, қолинбофӣ, коркарди пӯст, истеҳсоли пойафзол ва мебелбарорӣ аз 63 корхонаи соли 1991 ба зиёда аз 525 корхона дар соли равон расидааст.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 18 корхонаи ресандагӣ бо иқтидори зиёда аз 80 ҳазор тонна коркарди нахи пахта дар реҷаи себаста фаъолият дорад. Аз онҳо панҷ корхона- ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶДММ «Сатн», ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик», ҶДММ «Нассоҷии Хуҷанд» ва ҶСП «Ҷунтай–Данғара Син Силу Текстил» бо сикли пурра, ҶСК «Ресандаи Қӯрғонтеппа» бо се зинаи коркард фаъолият менамоянд. Дар корхонаҳои боқимонда танҳо истеҳсолоти ресандагӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо ҷалби Ширкати сармоягузории аграрии Синзян «Роҳи нави абрешим»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой дар соҳаи нассоҷӣ бо истифода аз технологияи муосир таъсиси корхонаи коркарди пахта, нахи пахта то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ (ресандагӣ, бофандагӣ, рангубор ва маҳсулоти дӯзандагӣ), таъсиси кооперативҳои аграрӣ амалӣ шудааст. Маблағи сармоягузорӣ 200 миллион доллари ИМА-ро дар бар мегирад ва иқтидори истеҳсолоти ресандагии корхона, дар маҷмӯъ, коркарди 24,5 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол мебошад.

Соли 2018 марҳилаи якум ва соли 2020 марҳилаи дуюми ҶДММ «Фарм Текс» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Корхонаи мазкур ба истеҳсоли маводи бандубасти тиббӣ, косметологӣ ва истифодаи гигиенаи шахсӣ машғул буда, дар як шабонарӯз имкон дорад, ки 2 тонна нахи пахтаро коркард карда, дар доираи стандартҳои ҷорӣ пахтаи гигроскопии сафедкардашударо омода намуда, сипас пахтаи тиббӣ, пахтаи стоматологӣ дар шакли тампон, салфеткаҳои пахтагиву докагӣ, пахта ва навъҳои гуногуни бинти тиббии тамизшуда истеҳсол намояд. Ҳамчунин, барои истифодаи гигиенаи шахсӣ ва косметологӣ дар корхона истеҳсоли дискҳо, чӯбча ва салфеткаҳои пахтагин ба роҳ монда шудааст, ки ивазкунандаи воридот ба ҳисоб мераванд.

Маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои соҳа дар бозорҳои хориҷи кишвар низ мавқеъ пайдо намуда, шимҳои мардонаву бачагона аз ҷинс, куртаҳои мардона, либосҳои варзишӣ ва кимоно ба давлатҳои Россия, Беларус ва Иттиҳоди Аврупо содирот карда мешаванд.

Дар доираи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 2014 таҳти №737 «Дар бораи Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» имтиёзҳои андозӣ сармоягузорӣ дар соҳаи қолинбофии кишвар ба назар расида, корхонаҳои нав ба фаъолият шурӯъ намуданд. Дар натиҷа, истеҳсоли қолин нисбат ба соли 2014 ба 3,2 маротиба афзоиш ёфта, аз 1,8 миллион метри мураббаи соли 2014 ба 4,9 миллион метри мураббаъ дар соли 2021 расонида шудааст. Инчунин, дар минтақаи саноатии шаҳри Душанбе бунёди ҶДММ «Қолинҳои Душанбе» бомаром идома дорад, ки баистифодадиҳии он давоми соли 2022 ба нақша гирифта шудааст.

Саноати мебелбарорӣ низ яке аз соҳаҳои зудафзоиш ба шумор рафта, корхонаҳои соҳа (ҶДММ «Бисот», Корхонаи муштараки «Арча-мебел», ҶДММ «Тоҷикмебел», ҶДММ «ИИ Империя») бо дастгоҳу таҷҳизоти нав муҷаҳҳаз ва қобилияти истеҳсоли навъҳои гуногуни мебелро доро мебошанд.

Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм), бо назардошти мавҷуд будани ашёи хоми маҳаллӣ, аҳамияти калони иқтисодӣ дорад. Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар корхонаҳои ҶДММ «Чарми Осиё» дар заминаи «Заводи пӯсти Данғара», ҶДММ «Матин Чарм», ҶДММ «Файзи Мастчоҳ», ҶДММ «Тоҷик Интиқол», ҶДММ «Чарми Хуҷанд», ҶДММ «Тоҷик-Хуа-Ши Тай», ҶДММ «Сармоягузории Байналмилалии Дубай», ҶДММ «Сомон Чарм», ҶДММ «Ҳасан саноат», СИ «Набиев» ва СИ «Абдусатторов» таъсис ёфтаанд.

Айни замон корхонаву коргоҳҳо бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ ба истеҳсоли маҳсулот машғуланд. Дар самти истеҳсоли пойафзол корхонаҳои «Пойафзоли Кангурт» ва «Чарми Данғара» дар таъмини бозор бо маҳсулоти ватанӣ саҳм гузошта истодаанд. Дар баробар ин, давоми соли 2022 дар заминаи ҶДММ «Азиз-2015» ҶДММ «Ганҷи Неъмат» дар шаҳри Душанбе ва ҶДММ «Абубакри Қаҳрамон» дар шаҳри Истаравшан дар самти истеҳсоли пойафзоли резинӣ ба фаъолият оғоз намуданд.

ҶДММ «Атласи Хуҷанд» бо мақсади тарғиби рукнҳои фарҳанги миллӣ истеҳсоли 60 намуд матои атлас ва 30 намуд матои адрасро ба роҳ мондааст.

Дар натиҷаи фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар, теъдоди корхонаҳои халтаборорӣ бо васлу насби дастгоҳу таҷҳизоти муосир зиёд шуда, истеҳсоли маҳсулоти ҷавобгӯ ба талаботи замон ба роҳ монда шудааст. Дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ шаш корхонаи халтабарорӣ бо таҷҳизоти муосир фаъолият дорад, ки иқтидори онҳо баҳри пурра таъмин намудани талаботи бозори дохилӣ бо халтаҳои полипропиленӣ кофӣ мебошад.

## ШАҲРҲО БА БОЛО ҚАД МЕКАШАНД

Саноати масолеҳи сохтмон яке аз соҳаҳои муҳими саноат ба шумор рафта, дар рушди иқтисодиёт ва раванди саноатикунонии босуръати кишвар саҳми назаррас мегузорад. Агар солҳои 90-уми қарни гузашта дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмонии ҷумҳурӣ 32 корхонаи саноатӣ ва ташкилоти хизматрасонӣ вуҷуд дошт, ҳоло шумораи корхонаю коргоҳҳо беш 500 ададро ташкил медиҳад. Хусусан, таи солҳои охир бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ даҳҳо корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла сементбарорӣ, истеҳсоли хишт, маводи ғайримаъданӣ, коркарди санг сохта шуда, маҳсулоти нави ивазкунандаи воридот - семент, гаҷкартон, сангҳои ороишӣ, пахтаи минералӣ аз санг, андоваҳои минералӣ, рангҳои аккрилӣ, қубурҳои бетонӣ ба роҳ монда шуд.

Чунончӣ, бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаҳои бузурги сементбарорӣ - ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, ҶДММ «Тоҷ Чайна 2013»-и шаҳри Ваҳдат, ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Суғд семент»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ҶДММ «Чунгтсай Моҳир семент»-и ноҳияи Ёвон, хиштбарорӣ-ҶДММ «Пейҷинг технология»-и шаҳри Ҳисор, коркарди санг – ҶДММ «Элегант»-и шаҳри Бӯстон ба фаъолият оғоз намуданд.

## СОҲАЕ, КИ ДУ ҲАДАФИ СТРАТЕГИРО ФАРО МЕГИРАД

Агар саноати хӯрокворӣ рушди мунтазам дошта бошад, дар татбиқи ду ҳадафи стратегӣ-таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат мусоидат менамояд. Аз ин ҷост, ки дар ин самт низ дар даврони соҳибистиқлолӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Ҳоло соҳаи хӯрокворӣи кишвар асосан истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот, равғанбарорӣ, шаробу нӯшокиҳои ғайриспиртию спиртӣ, сигорбарорӣ, қаннодӣ, истеҳсоли намак, истеҳсоли орду нон ва гӯшту ширро фаро мегирад. Мақсади стратегии он, таъмини устувор ва кафолатноки аҳолӣ бо маҳсулоти бехатар ва дорои сифати баланд мебошад.

Аз рӯи маълумоти расмӣ, соли 1991 дар ҷумҳурӣ 94 корхонаи саноати хӯрокворӣ мавҷуд буд. Дар давраи истиқлолияти давлатӣ ин рақам мунтазам боло рафта, соли равон ба 562 корхона расонида шудааст.

Истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ низ тадриҷан рушд намуд. Агар соли 1996 истеҳсоли маҳсулоти соҳа 48,3 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас соли 2021 ин нишондод ба 7 миллиарду 548,4 млн. сомонӣ баробар шуд.

Тавассути татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот дар ҳар корхонаи саноати хӯрокворӣ истеҳсоли аз 6 то 81 номгӯи маҳсулоти ғизоӣ, аз ҷумла аз маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти нимтайёри корхонаҳои коркарди ватанӣ ва воридотӣ, бахусус баҳри маҳдуд кардани фаъолияти мавсимӣ ба роҳ монда шуд.

Бо мақсади такмили низоми сифати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини сифат ва амнияти маҳсулот, афзун намудани ҳаҷми содиротии маҳсулоти соҳаҳои саноати хӯрокворӣ тавассути ҷорӣ намудани сертификатсиякунонии байналмилалӣ, дар корхонаҳои соҳа раванди гузариш ва мутобиқгардонии низоми сифати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба стандартҳои байналмилалӣ идома дорад.

## ЁРИДИҲАНДАИ РУШДИ СОҲАҲОИ ДИГАР

Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ рушди иқтисодиёт ба фаъолияти самараноки корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия зич алоқаманд буда, дараҷаи тараққиёт ва сифати таҷҳизоти дар соҳа истеҳсолшаванда метавонад ба рушди бемайлони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ заминаи устуворро фароҳам оварад.

Таҳлили ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа, ки бо истифода аз маълумоти расмии оморӣ дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки танҳо аз соли 2000-ум сар карда, вазъи истеҳсолӣ дар корхонаҳои соҳа тамоюли барқароршавӣ гирифта, минбаъд афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба таври назаррас таъмин карда шуд.

Бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ дар давоми 31 соли Истиқлолияти давлатӣ бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳа зиёда аз 20 корхона ва коргоҳи гуногун мавриди истифода қарор дода шуд, ки қариб 2000 ҷои кори нав таъсис ёфт. Аз ин шумора 7 корхона дар вилояти Суғд, 5 - дар шаҳри Душанбе, 4 - дар вилояти Хатлон ва 4 корхона дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар корхонаҳои зикргардида асосан ноқилҳои гуногунтамғаи алюминӣ, профилҳои алюминӣ, қубур ва профили металлӣ, маводи таркандаи саноатӣ, тракторҳо, автобусҳо, кунҷак ва швеллерҳо, профилҳои пластикӣ, криолит ва фториди алюминий, кислотаи сулфат, плитаҳои резинӣ, меххои махсус ва моеъҳои шӯянда истеҳсол карда мешаванд, ки ивазкунандаи воридот мебошанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, айни замон дар соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия 348 корхона ва коргоҳи истеҳсолӣ амал менамоянд, ки зиёда аз 85 номгӯи маҳсулоти асосии соҳаро истеҳсол намуда истодаанд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки соҳибистиқлолӣ имкони рушди бахшҳои соҳаи саноатро фароҳам овард. Бо назардошти фароҳам будани шароит ва заминаҳои мусоид, бо мақсади аз кишвари аграрӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил додани Тоҷикистон чанд сол пеш саноатикунонии босуръати мамлакат ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардид. Инчунин, охири соли гузашта Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намуданд. Бешак, ин тадбирҳо ба рушди соҳа такон бахшида, фосилаи расидан ба ҳадафҳоро кӯтоҳтар мегардонад.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

Ҷӯрабек МУЪМИН




# НАҚДИ ТОҶИКОН

**Ҳамсадои «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат»**

**«Тоҷикон»-ро нақд донем, тоҷиконхонӣ кунем,
Эътимоди ҳастии ин миллати ҷонӣ кунем.
Таърихи худро биомӯзем аз он бедареғ,
Ҳамчу хуршеди дурахшон шуълаафшонӣ кунем.**

**Тоҷикон, донед инро: «Тоҷикон» чун офтоб,
Офтоби пурнишоти беҳиҷобу бесаҳоб.
Қисмати гӯёи мо дар ин китоби муҳташам,
Бар ҳама бадхоҳи тоҷикҳост шамшери хитоб.**

**«Тоҷикон» аз турктозиҳо дарак дод тоҷикон,
Ҳамчу оина ҷило бикшод тахти ориён.
Аз хирадмандии Бармак то ба Маздак бо аён,
Огаҳӣ андохт аз Сомониён рӯи ҷаҳон.**

**Асли моро пок кард аз туҳмату буҳтонҳо,
Бо забони илм, бо арқому бо буҳронҳо.
Суннату оину динро кард ифшо бехато,
Дарди тоҷикро шифо бахшид чун теғи Сино.**

**Яъне, яъне қисмати мо дар китоби «Тоҷикон»,
Ин китоби давраи пуризтироби тоҷикон.
Оре, оре, қиссаи талху итоби тоҷикон,
Саргузашти печутоби инқилоби тоҷикон.**

**То даме, ки ҷовидон бошад ҷаҳони тоҷикон,
«Тоҷикон» ҳамчун ливои парфишони тоҷикон.
Балки кохи пойдори ҷовидони тоҷикон,
Ҷой дорад то абад дар мағзи ҷони тоҷикон.**

**Фахр мебояд намуд аз лафзи нօби тоҷикон,
То бихоҳем нӯш гирем аз гулоби «Тоҷикон».
Қаср бояд сохт дар дил аз китоби «Тоҷикон»,
Ҷой бояд дод дар он боб-боби «Тоҷикон».**

**Шаҳкитоби тоҷикон бошад китоби «Тоҷикон»,
Достони ростон бошад китоби «Тоҷикон».
Балки қуръони замон бошад китоби «Тоҷикон»,
Дар дили мо ҷавидон бошад китоби «Тоҷикон».**

**«Тоҷикон»-ро нақд донем, тоҷиконхонӣ кунем,
Эътимоди ҳастии ин миллати ҷонӣ кунем.
Таърихи худро биомӯзем аз он бедареғ,
Ҳамчу хуршеди дурахшон шуълаафшонӣ кунем.**

**Аз рӯзгори вакилони халқ**

# АВВАЛИН МУҲАҚҚИҚ ВА ҶОРИКУНАНДАИ ИЛМИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ДАР КИШВАР

**Дар роҳҳои пуршебу фарози зиндагӣ барои расидан ба қуллаи мурод ҳар инсонро роҳнамо ё устод зарур аст. Хушбахтона, бандаро бахти баланд насиб гардида, ки тахти роҳнамоиву дастгирии олими камназир доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи илмҳои байналмилалии олӣ, дорандаи Ҷоизаи байналмилалии ба номи Анри Дюнан Абдусаттор Абдуҷаббор дар роҳи илму маърифат қадам мегузорам.**



Ин инсони нексиришт ва ташаббускору ташкилотчӣ пас аз хатми Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар тӯли умри бобаракат дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Сармуҳандиси идораи кишоварзӣ, мудири шуъбаи саноату нақлиёти Комитети шаҳрии ҳизби коммунисти шаҳри Панҷакент, раиси Кумитаи назорати халқ ва раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони халқи шаҳри Панҷакент аз қадамҳои нахустини ӯ дар ҷодаи роҳбарӣ буд. Баъдан, ба ҳайси раиси Комиссия оид ба масъалаҳои кори шӯроҳои вакилони халқ ва худидораи маҳаллии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои идораи минтақаҳо, комплекси агросаноатӣ ва савдо, вазири таъминоти иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ фаъолият кардааст.

Солҳои роҳбарӣ дар шаҳри Панҷакент бо ташаббуси Абдусаттор Абдуҷаббор корхонаи истеҳсоли тиллои «Зарафшон», 17 бинои 4-5 -қабата, се бинои 9 ва 12- қабата ва бинои кунунии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент, театр, қасри ақди никоҳ, 12 мактаб, 8 боғчаи бачагона ва 25 бунгоҳи тиббӣ бунёд гардиданд.

Дар давраҳои душвортарини таърихи кишвар А. Абдуҷаббор боварии мардумро сазовор гардида, вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум (1990-1995), вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дуюм (2000-2005) интихоб гардидааст. Дар ин байн ҳамчун аъзои Комиссияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (1990), аъзои Комиссияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи «Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1989), муовини раиси Комиссияи омӯзиши таҷрибаи сохтори давлатӣ ва худидораи маҳаллии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ (2001-2005) фаъолият намудааст.

Солҳои 2001 - 2005 Абдусаттор Абдуҷаббор профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва аз июли 2005 то ҳол профессори кафедраи «Молия ва қарз»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва ҳамчунин ба ҳайси сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба корҳои педагогӣ ва илмӣ машғул аст.

Дар давраи кору зиндагӣ ба таҳқиқи илмӣ машғул гардида, ҳанӯз моҳи апрели соли 1997 дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовуддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун омили тараққиёти ҷомеа» дифоъ намудааст. Ӯ яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва илми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ, муаллифи 18 рисола ва 115 мақолаи илмию оммавӣ оид ба масъалаҳои гуногуни соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мебошад. «Асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоии ҳифзи нафақахӯрон ва роҳҳои инкишофи шаклҳои хизматрасонӣ ба онҳо», «Маҷмӯаи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ доир ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷумлаи рисолаҳояш мебошанд.

Абдусаттор Абдуҷаббор сентябри соли 2001 дар Пажӯҳишгоҳи меҳнати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Федератсияи Россия (шаҳри Москва) дар мавзӯи «Замина ва асосҳои иқтисодии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шароити ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ» («Предпосылки и экономические основы социальной защиты населения в условиях становления рыночных отношений») аз рӯи ихтисоси «Идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти меҳнат)» рисолаи доктори илмҳои иқтисодро ҳимоя карда, аз соли 2008 узви пайвастаи Академияҳои илмҳои байналмилалии таҳсилоти олӣ, илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоии Федератсияи Россия (шаҳри Москва) мебошад.

Муаллифи беш аз 34 монография, 5 китоби дарсӣ, 180 мақолаи илмию оммавист, ки дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ҳамчун дастуру китобҳои дарсӣ истифода бурда мешаванд.

Хизматҳои А. Абдуҷаббор дар назди халқу Ватан ва илми кишвар бо унвонҳои фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон», «Аълочии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» ва ғайра қадрдонӣ шудаанд.

Ҳар қадам, ҳар кори анҷомдодаи доктори илмҳои иқтисод, профессор Абдусаттор Абдуҷаббор ба рушду инкишофи илми ҷумҳурӣ равона гардида, хусусан барои олимони ҷавон намунаи ибрат аст.

**Нигора МАРУПОВА,
муаллимаи калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

# ДАР КОРГАҲИ КӮЗАГАРЕ РАФТАМ ДӮШ...

**Баъд аз он ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иловатан солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид, дар ин байн соҳаҳои зикршуда то андозае ташаккул ва равнақ ёфтанд.**

Дар бадали панҷ соли охир (ба истиснои солҳои паҳншавии беморӣ COVID-19) ҳар сол дар пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе ва вилоятҳо намоиши дастранҷҳо ва ҳунарҳои мардумӣ доир шуданд. Ба ҳамин маънӣ, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ - «Андалеб - 2021» гузаронида шуд. Пеш аз оғози барномаҳои консертии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар саҳни бинои Филармонияи давлатии Тоҷикистон намоиши ҳунарҳои халқӣ ба тамошо гузошта шуд. Ҳамчунин, дар дигар намоишҳои ҳунарҳои халқӣ, ки дар пойтахт ва шаҳру навоҳии кишвар мегузашт, чун тамошобин ҳузур доштам. Мутаассифона, ягон маротиба дар ҷодаи кулолгарӣ чизи нав ё ҷолибе диққати маро ё иштирокчиёни намоишгоҳро ҷалб карда натавонист.

Ҳама маҳсули дастони кулолгарони тоҷик такрори якдигаранд. Дар дастранҷҳои кулолгарон эҷоди нав, тахайюлоти рангин ва зебоиву офаридаҳои наву тозаҷӯӣ қариб ки ба назар намерасид. Боз ҳамон табақ, коса ва кӯзаҳои сафолини дастхарош сохташуда. Маъзарат, ҳама устоҳои гилкор ва кулолро дар назар надорам. Дар байнашон кулолоне ҳастанд, ки хеле моҳирона, зебо ва нафис табақу кӯза ё коса месозанд ва рангубор дода, гулкорӣ мекунанд, аммо чунин устоҳо дар ҷумҳурӣ ангуштшуморанд.



Намунаи дастранҷҳои устоҳои исфарагиро танҳо дар филмҳои ҳунарии «Духтари сеюм»-и таҳиягар Анвар Тӯраев (1970), «Майдони парвоз»-и таҳиягар Тоҳир Собиров (1971) ва филми ҳуҷҷатии «Офаридани афсона»-и таҳиягар ва оператор Евгений Кузин (1970) истеҳсоли «Тоҷикфилм» мебинему халос.

Шояд хонанд ва суол диҳанд, ки чаро маҳз соҳаи кулолӣ мавриди



баҳс қарор гирифт. Бояд изҳор намоям, ки ҳангоми иштирок дар Рӯзҳои кинои Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва Кинофестивали XIII байналхалқии Тошканд – «Дурдонаҳои роҳи абрешим» ходимони кинои тоҷик ба вилоятҳои Андиҷон, Марғелон ва Фарғона сафар карда, бо сокинони он вохӯриву мулоқот доштанд. Дар яке аз мулоқотҳо, ки бо сокинони ноҳияи Риштон доир гардид, меҳмононро ба Маркази ҳунармандони «Керамика»-и ноҳияи Риштон даъват карданд.

Марказ аз бинои зебои дуошёна иборат буда, аз рӯи нақшаи меъмории миллӣ бунёд шудааст. Барои коргарон - устоҳои он ҳама шароит - хонаи истироҳат, ошхона, ҷои беҳдошт ва қабули меҳмонон муҳайёст. Мо тарзи тайёр кардани сафолакҳои фаршпӯш (плитка) кӯза, табақ ва чойнику пиёларо аз наздик дидем.

Он зарфҳои зебо, пур нақшунигори кулолӣ ва сафолакҳои фаршпӯш бо меҳнати хеле тоқатфарсо омода мешаванд. Гурӯҳи киносозони тоҷик тамошоро аз ошёнаи якум оғоз намуданд. Роҳбалад ба ҳар саволи меҳмонон ҷавоб медод. Нозукии касби кулолӣ, пеш аз ҳама, дар маҳсулоти аслӣ - яъне, хоки сурх аст, ки онро аз қабати замин дар масофаи 2 метр чуқур канда, ба даст меоранд. Ин гуна хок намак надорад ва қариб, ки об наҷабидааст. Аз оби тоза бояд истифода бурд, ки маҳлули хлор дар он набошад. Устоҳо аз хоки хушк лой карда, қариб як соат бо он андармон мешаванд, сипас он барои кӯза табақ, чойнику пиёла ё сафолакҳои фаршпӯш омода мешавад.

Мо-намояндагони Тоҷикистон бештар ба тайёр кардани сафолакҳо барои фарш, бом ва девору гунбазҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардем. Ин гуна сафолакҳо (дар баъзе мавридҳо кошинкорӣ ҳам мегӯянд) ба тарзи махсус тайёр мешаванд. Аз хоки сурх гил тайёр карда, дар қолабҳо ҷо карда, ба дегдонҳои махсус мегузоранд ва дар ҳарорати 980 (градус) мепазанд. Баъди пухтан сафолакҳоро бо моеи ҷилодор (лак) ва дигар рангҳо пардоз дода, боз ба дегдон мегузоранд. Дар маҷмӯъ, барои тайёр кардани сафолакҳо ду ҳафта вақт лозим аст. Ҳамчунин, барои омода кардани кӯзаву табақҳо низ. Дар ин маврид ба устоҳои кулол на танҳо меҳнати тоқатфарсо, балки донистани математика ва геометрия хеле муҳим аст.

Вақте ки мо ба ошёнаи дуюми Маркази ҳунармандони «Керамика»-и ноҳияи Риштони вилояти Фарғона баромадем, худро дар олами афсонаҳо пиндоштем. Табақҳову чиниву чойникҳои гулкоришуда, кӯзаҳои хурду бузурги зебо ва дигар ороишоту заруриёти рӯзгор гӯё ба забон омаданд:

**Дар коргаҳи кӯзагаре рафтам дӯш,
Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш.
Ногоҳ яке кӯза баровард хурӯш:
«Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?»**

Тамоми асбоби рӯзгордорӣ - табақ, чойник, пиёла, қанддон, кӯзаҳои хурду калон, мавиздон, асалдон, ҳатто ҷиҳоз барои шустушӯй ва беҳдошт низ бо санъати баланд тайёр ва пешкаши харидорон гардонида шудаанд. Барои меҳмонон аз гили пухташуда даҳҳо армуғон – нишонҳои давлатӣ, байрақҳо, биноҳои таърихии Самарқанду Бухоро, қаҳрамонҳои афсонавии халқи тоҷик ва ӯзбек, лӯхтакҳо, шоҳпаракҳои зебо, рамзи Кинофестивали XIII Тошканд ва «Лаълии хотиравии кинофестивал» ва ба ин монанд тайёр карда шуд.

Дар Маркази ҳунармандони «Керамика» устоҳои кулол, яъне кӯзасоз, устоҳои керамист ва наққошону гилкорон аҳлона кор карда, зиёда аз 100 номгӯй маҳсулоти кулолӣ аз хоку гил истеҳсол мекунанд. Беҳуда ноҳияи Риштонро маркази керамикаи Ӯзбекистон намегӯянд. Маҳсулоти керамикаи ин марказ на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар собиқ ҷумҳуриҳои бародарии Иттифоқи Советӣ талабгори зиёд дорад.

Масалан, дар шаҳри Хуҷанд ёдгорҳои таърихӣ ва Қалъаи кӯҳан бо маҳсулоти сафолии Маркази ҳунармандони «Керамика»-и Риштон тармиму таҷдид шудаанд. Солҳои пеш санъати сафолаксозӣ ва кулолгарӣ дар се шаҳри қадима – Хева, Хуҷанд ва Фарғона маълуму машҳур буд. Мутаассифона, бо мурури вақт устоҳои хуҷандӣ ин ҳунари нодирро давом надоданд. Алҳол устоҳои риштонӣ ба тайёр кардани шогирдон дар шаҳри Хуҷанд машғуланд.

Мақсад аз овардани намунаҳо аз дастранҷи устоҳои риштонӣ дар он аст, ки устоҳои кулоли мо танҳо бо сохтани табақу кӯзаву чинӣ маҳдуд нашуда, номгӯйи маҳсулоти кулолӣ ва керамикиро васеътар ба роҳ монанд. Зеро аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки технологияи тайёр кардани сафолакҳои ороишӣ ва дигар маҳсулоти кулолӣ он қадар мураккаб ва вазнин набудааст.

**Тиллои НЕККАДАМ, «Садои мардум»,
Душанбе-Риштон-Фарғона-Душанбе**

# МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ РУШДИ НАЗАРРАС ДОРАНД

**Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат барои ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифтани кӯдакон дар минтақаи Кӯлоб даҳҳо муассисаи томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдак бо шароити замони муосир мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон гуфта буданд: «Кӯдакон ояндаи осудаву ободи ҳар як миллат, сарвати бебаҳои ҳар як оила, ҷомеа ва давлат ба шумор меравад ва онҳо бахту саодати рӯзгори ҳар як падару модар мебошанд. Зеро ба дунё омадани тифл дар ҳар як оила хушбахтиву иқболи нек меорад ва чун зангӯлаи идомаи ҳаёт садо медиҳад».**

- Дар шаҳру минтақаи Кӯлоб дар даврони Истиқлолияти давлатӣ панҷоҳ муассисаи томактабӣ бо фарогирии 4818 кӯдак ба истифода дода шуданд. Ин ҳама дастгирию ғамхориҳо аз таваҷҷуҳи рӯзафзуни Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба рушди соҳаи маориф шаҳодат медиҳад, - гуфт мудири бахши Раёсати маориф дар минтақаи Кӯлоб Насрулло Амирализода.

Дар баробари муассисаҳои томактабӣ, 437 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 12 ҳазору 372 кӯдак таъсис ёфт.

Муассисаи таълимии томактабии «Ситора» - и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зодаи даврони соҳибистиқлолӣ мебошад. Он асосан барои фарзандони устодону омӯзгорони донишгоҳ таъсис дода шуда, ки дар он донишҷӯёни факул-



тети омӯзгории шуъбаи таҳсилоти томактабӣ таҷриба меомӯзанд. Бино аз ду ошёна иборат буда, ҳуҷраҳои хобу ҷои бозии кӯдакон бо шароити лозима муҷаҳҳаз шудааст.

Хатичамо Даминзода, мудири кӯдакистон барои дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муассисаҳои томактабӣ миннатдорӣ карда, афзуд, ки айни замон дар кӯдакистон панҷ гурӯҳ (150 кӯдак) ба тарбия фаро гирифта шуданд. Барои нигоҳубини онҳо шаш мураббӣ сафарбар шудаанд. Ба иттилои номбурда, дар кӯдакистон чор гурӯҳ бо забони тоҷикӣ ва як гурӯҳ бо забони русӣ амал мекунанд.

Қадамшоҳ Ҳакимзода, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб афзуд, ки ҳашт кӯдакистони давлатӣ ва се кӯдакистони хусусӣ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо 1280 кӯдак ба тарбия фаро гирифта шудаанд.

Ба муносибати 30 – юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳаллаи Содиқови шаҳри Кӯлоб муассисаи томактабӣ бо фарогирии 250 кӯдак бо шароити лозима аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ сохта шуд, - гуфт Қ. Ҳакимзода.

Инчунин, сохтмони ду боғчаи дигар, ки яке дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50 – и шаҳри Кӯлоб, дигар дар деҳаи Андароби Ҷамоати деҳоти «Кӯлоб», бо фарогирии 280 кӯдак аз ҷониби Вазорати маориф ва илм идома дорад.

Муассисаи таълимии томактабӣ «Оиша» соли 2021 дар Ҷамоати деҳоти ба номи Рӯдакӣ ноҳияи Восеъ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Махтунбӣ Абдулҳаева сохта шудааст. Он бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз мебошад. Тибқи иттилои масъулон, айни замон дар он 210 кӯдак ба тарбия фаро гирифта шуда, таълим бо се забон русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст.

Мушовири муассисаҳои томактабӣ дар ноҳияи Восеъ Гулҷаҳон Турдиева иттилоъ дод, ки айни замон дар ноҳия ҳашт муассисаи давлатии томактабӣ ва муассисаи томактабии хусусӣ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо 783 кӯдак ба тарбия фаро гирифта шудаанд.

Номбурда гуфт, ки бо мақсади баланд бардоштани савияи донишу маҳорати касбии мудирони кӯдакистон ва мураббиён машварат ва дигар корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ барои ба тарбия фаро гирифтани кӯдакону наврасон таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, дар ин давра як қатор корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Насимҷон Ғоибзода дар суҳбат зикр кард, ки соли ҷорӣ бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва соҳибкорону мардони саховатпеша дар Ҷамоати деҳоти «Чубек» - и ноҳия боғчаи бачагона бо фарогирии 100 кӯдак мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Инчунин, кӯдакистони дигар, ки барои 200 кӯдак дар Ҷамоати деҳоти «Панҷоб» бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо харҷи 1 миллиону 500 ҳазор сомонӣ сохта шуда, рӯзҳои наздик мавриди истифода қарор мегирад.

Ӯ, ҳамчунин, афзуд, ки айни ҳол дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ панҷ муассисаи томактабӣ барои 455 кӯдак фаъолият намуда, ба онҳо 23 мураббӣ таълим медиҳанд.

Муассисаи томактабии рушди кӯдакон «Илҳом» дар Ҷамоати деҳоти «Танобчӣ» - и ноҳияи Темурмалик аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ сохта шудааст. Он замонавӣ буда, аз се ошёна иборат мебошад. Тавре аз шуъбаи маорифи ноҳия иттилоъ доданд, кӯдакистон метавонад дар як вақт беш аз 50 кӯдакро қабул намояд.

Айни замон дар ноҳияи Темурмалик се муассисаи томактабӣ, ки имкони ба таълиму тарбия фаро гирифтани 240 кӯдакро дар 12 гурӯҳ дорад ва 40 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 991 нафар кӯдак фаъолият мекунанд, ки дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ маҳсуб мешаванд.

Дар ноҳияи Балҷувон низ барои фаро гирифтани кӯдакону наврасон ба муассисаҳои томактабӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Ҳоло дар ноҳия ду кӯдакистони замонавӣ бо шароити лозима мавриди истифода қарор дорад, ки дар он 92 кӯдаки синни томактабӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,
«Садои мардум»**

**Ҳоло корбарони интернет, хусусан тоҷикон, дар баробари бузургтарин системаҳои ҷустуҷӯӣ - «Google» ва «Yandex» имкон доранд, ба воситаи системаи миллии ҷустуҷӯии «Dodaho» маълумоти лозимиро дастрас намоянд.**

**Бо созандаи «Dodaho», устоди филиали Донишгоҳи тадқиқотӣ-технологии МИСИС дар Душанбе Файзуллоҷон Сафаров доир ба низоми кори ин системаҳои ҷустуҷӯӣ суҳбат намудем.**

# «GOOGLE» ВА «YANDEX»-И ТОҶИКӢ. ОН ТО КАДОМ АНДОЗА МУВАФФАҚ МЕШАВАД?

**- Чӣ зарурат пеш омад, ки системаи миллии ҷустуҷӯии «Dodaho» -ро сохтед?**

- Дар шароите, ки мо ба сар мебарем, ҳеҷ кас кафолат намедиҳад, ки системаҳои ҷустории бузург – «Google» ва «Yandex» аз кор намемонанд. Доштани низоми ҳамсон, ки моли худамон аст, аз фоида холӣ набуда, дар интернет ба ин васила то андозае худро муаррифӣ мекунем. Илова бар ин, то сохтани «Dodaho» кишварҳои Осиёи Марказӣ низоми миллии ҷустуҷӯӣ надоштанд.

**- «Dodaho»-ро дар чанд муддат сохтед?**

- Вақте ки ман барои кори илмӣ мавзӯъ интихоб кардам, ҳамеша дар зеҳнам ҷумлаҳои саволӣ чарх мезад. Барои чӣ мо мошин ихтироъ накардем, барои чӣ ноутбук ва телефони худамонро намесозем, чаро низоми ҷусторӣ надорем? Биноан, бо роҳбарии устоди равоншод, профессор Зафар Ҷӯраев ин корро оғоз кардем. Муҳлати кор дар умум се солро дар бар гирифт.

**- Се сол танҳо бо устод кор кардед?**

- Не, консепсияро бо устод маслиҳат кардем ва дар умум 17 нафар дар сохтани «Dodaho» саҳм доранд. Нафароне ҳам буданд, ки ёрии молӣ карданд.

**- Дар аввали кор чӣ мушкилиҳо буданд?**

- Мушкилии аввал нобоварии атрофиён буд. Баъзеҳо ба ҳолам механдиданд, ки ман вақтамро беҳуда мегузаронам ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳеҷ гоҳ бо «Google» ва «Yandex» баробар шуда наметавонам. Дар барои амалишавии аксар идеяҳо мушкили молӣ пайдо мешавад, ки ин мушкили дигар аст.

**- Сохтани «Dodaho» маънои бо «Google» ва «Yandex» рақобат карданро дорад?**

- Бо он ки як системаи миллии ҷусторӣ сохтем, бо дигар ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ рақобат карданӣ нестем, балки барои ҳамватанон гунаи тоҷикии ин навъи хизматрасониро пешниҳод намудем.

**- Барои чӣ маҳз «Dodaho» номгузорӣ намудед?**

- Додаҳо маҷмӯи иттилоотест, ки бо ҳам алоқаманданд ва ба тарзи систематикӣ нигоҳдорӣ ва ташкил карда мешаванд, то ҳифз, ҷустуҷӯ ва истифодаи онро мусоидат кунад.



Дар забони англисӣ он ҳамчун манбаъ – «Database» фаҳмида мешавад.

**- Дар базаи «Dodaho» чӣ қадар маълумот ҷойгир шудааст?**

- Бо забони тоҷикӣ-кириллӣ, тоҷикӣ-форсӣ ва лотинӣ, зиёда аз як миллион маълумот ҷамъоварӣ кардаем. Ҳатто аз Амрикову Аврупо ҳам ба воситаи «Dodaho» маълумот ҷустуҷӯ мекунанд.

**- «Dodaho» барои тоҷикистониён аз «Google» ва «Yandex» чӣ бартарият дорад?**

- Мо на танҳо дар бахши ҷустуҷӯи маълумот, балки модулҳои тарҷумонии худро омода мекунем, то аз забони русӣ бо тоҷикӣ тарҷума карда тавонем. Инчунин, бо имлои забони тоҷикӣ нисбат ба «Google» ва «Yandex» хубтар аҳамият медиҳем.

**- Дар дизайни сомона канори «Dodaho» як соат аст ва дар дарунаш 20-сола фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ навиштаед, чаро?**

- Ин фикри шахсиам аст ва дар ҳамовозӣ ба эълон шудани солҳои 2020-2040 - «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф» роҳандозӣ кардам.

**- Дар сохтани «Dodaho» чанд пул сарф кардед?**

- Барои сохтани системаи ҷусторӣ, ки ба воситаи «Google» ва «Yandex» ворид шудан мумкин буд, 39 ҳазор доллар сарф кардем. Бори дуюм, барои сохтан ва ба истифода додани барномаи махсуси «Dodaho» 40 ҳазор сомонӣ харҷ шуд.

**- Тавре маълум аст, бузургтарин ширкати ҷусторӣ – «Google» ба Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз месупорад, ин масъала дар мавриди «Dodaho» чӣ гуна аст?**

- Бо шукргузории Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар фарде навоварие ё ба истилоҳ инноватсия меоварад, аз андоз то солӣ 2027 куллан озод аст. Ин сабукӣ дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2022 таҳти №1867 мебошад.

**- «Dodaho» кай ба шумо фоидаи моддӣ меорад?**

- Нав корро оғоз кардем, вале метавон гуфт, ки ин низом пули бисёр оварда метавонад. Инро ба назар гирифта, дар оянда ният дорем, ки аз 100 то 150 нафарро ба кори доимӣ таъмин кунем.

**- Ҳоло ба «Dodaho» бидуни аз қайд гузаштан ворид мешавем ва истифода мебарем, дар мавриди фаъол кардани почтаи электронӣ чӣ тасмим доред?**

- Дар нақша ҳаст ва ин корро ҳам ба сомон мерасонем.

**- Дарояндаи наздик чӣ нақшаҳо доред?**

- Ҳоло ҳуҷҷатҳоямонро барои бақайдгирии «Dodaho» ҳамчун ширкат омода дорем ва ба наздикӣ ҳамчун ширкат худамонро муаррифӣ мекунем.

**- Ташаккур барои суҳбат.**

- Саломат бошед.

**Мусоҳиб Ҳ. ТОҲИРӢ,
«Садои мардум»**

**ОБУНА - 2023**

**ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!** ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» – НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

**НАРХИ СОЛОНА БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 180 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.**

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.*

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул карда шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411503 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ» | Таъмири ҷории бинои асосӣ, хобгоҳи №2, хобгоҳи Муассисаи давлатии «Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ» дар маҳаллаи 82 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.0.-2022 10:30:00 |
| 2 | 411506 | Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №82-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти умумии асосии №82-и ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.09.2022 11:00:00 |
| 3 | 411490 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти мурғ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.10.2022 15:10:00 |
| 4 | 411489 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Маводи хоҷагидорӣ, электрикӣ ва сантехникӣ, хӯрок барои моҳӣ, паранда ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, маводи нарм ва парда, таҷҳизоти маишӣ, чархҳои резинӣ, аккумулятор, равғанҳои молидании автомашинаҳо ва филтрҳо барои Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 118 | 05.10.2022 15:15:00 |
| 5 | 411493 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии иҷроияи шаҳри Кӯлоб | Корҳо дар самти насби системаҳои равшанидиҳӣ дар кӯчаи Чармгарони Поён аз буриши кӯчаи Худоёр Назаров то пули кӯчаи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2022 16:20:30 |
| 6 | 411494 | Муассисаи таълимии давлатии «Литсей барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 05.10.2022 16:35:06 |
| 7 | 411492 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» | Таъмири асосии бинои Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2022 16:57:39 |
| 8 | 411495 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи политехникии Донишгоҳи давлатии Данғара» | Мебел, таҷҳизоти маишӣ ва офисӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 05.10.2022 17:11:29 |
| 9 | 411496 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати беморони рӯҳии ноҳияи Восеъ»-и вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 05.10.2022 17:26:53 |
| 10 | 411491 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара» | Таъмири ҷории бинои хобгоҳи МДТ «Коллеҷи тиббии ДДТХ дар ноҳияи Данғара» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.10.2022 17:33:10 |
| 11 | 411499 | Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири бинои шуъбаи амрози дарунии Беморхонаи шаҳрии №2 шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.10.2022 08:40:00 |
| 12 | 411502 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии сохтмонии шаҳри Душанбе» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 06.10.2022 09:15:00 |
| 13 | 411501 | Муассисаи таҳсилоти умумии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таҷҳизоти маишӣ ва офисӣ, капот ва асбобҳои бозӣ барои кӯдакистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 06.10.2022 09:16:00 |
| 14 | 411500 | Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 06.10.2022 09:45:00 |
| 15 | 411504 | Муассисаи давлатии кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бунгоҳи тиббӣ дар микроноҳияи 5-уми ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.10.2022 10:30:00 |
| 16 | 411509 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Чопи китоби «Северный Таджикистан туризм и ремесло» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 06.10.2022 12:00:00 |
| 17 | 411507 | Стансияи ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 56 | 06.10.2022 12:10:00 |
| 18 | 411511 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ҷ.Балхӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 06.10.2022 14:55:40 |
| 19 | 411505 | Шуъбаи сохтмони асосии ноҳияи Балҷувон | Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар дарёи Талхаки маркази ноҳияи Балҷувон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.10.2022 10:40:57 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪЛОН!

## КВД «ТОҶИКСУҒУРТА» БАРОИ ИШҒОЛИ ВАЗИФАҲОИ ХОЛИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

- Сардори шуъбаи идоракунии захираҳои молиявӣ;
- Сармутахассиси шуъбаи коргузорӣ ва назорат – 1 ҷой;
- Ҳуқуқшинос – 1 ҷой;
- Аудитор – 1 ҷой;
- Мутахассиси пешбари шуъбаи идоракунии захираҳои молиявӣ – 1 ҷой;
- Муҳосиби пешбари шуъбаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва хоҷагидорӣ – 1 ҷой;
- Мутахассиси пешбари шуъбаи кадр ва иттилоот– 1 ҷой;
- Мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ ва назорат – 1 ҷой;
- Мутахассиси пешбари шуъбаи таҳлили иқтисодӣ – 1 ҷой.

Музди меҳнати заминавӣ барои мансабҳои сардори шуъба ва ҳуқуқшинос – 1750 сомонӣ;

Музди меҳнати заминавӣ барои мансаби сармутахассис ва аудитор – 1375 сомонӣ;

Музди меҳнати заминавӣ барои мансаби мутахассиси пешбар –1250 сомонӣ.

**ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ДОВТАЛАБОН:**

- таҳсилоти олии иқтисодӣ ё молиявӣ (ҳуқуқшиносӣ барои мансаби ҳуқуқшинос);
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи суғурта ва санадҳои умумиҳатмӣ;
- доштани маҳорати баланди идоракунӣ, салоҳиятнокӣ, масъулият ва одоби касбӣ;
- маҳорати баланди ибрози андеша ба тариқи шифоҳӣ ва хаттӣ;
- маҳорату малакаи кор бо технологияҳои электронии муосир, донистани MS Office - (Word, Excel, PowerPoint) ҳатмӣ;
- донистани забони давлатӣ - тоҷикӣ ва русӣ (риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, донистани забони англисӣ) афзалият дорад;
- доштани таҷрибаи кории на камтар аз се сол дар соҳаи молия ва дигар соҳаҳои ба фаъолияти молиявӣ алоқаманд;
- қобилияти хуби таҳлилӣ ва хулосабарорӣ;
- доштани маҳорати касбӣ ва қобилияти таҳия намудани ҳисобот;
- пешбурди муросилот ва дигар ҳуҷҷатгузорӣ дар сатҳи зарурӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ;
- донистани муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, таърих ва фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқие, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматиро ба танзим медароранд.

**ҲУҶҶАТҲО ТО 1 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 ҚАБУЛ КАРДА МЕШАВАНД.**

**Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21. Телефонҳо барои гирифтани маълумоти иловагӣ: 227-53-78, 918-84-34-35.**

# ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон мекунад

1. Сардори раёсати электроэнергетика;
2. Сардори раёсати захираҳои об;
3. Сардори раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нафту газ;
4. Муовини сардори раёсати электроэнергетика;
5. Сармутахассиси раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нафту газ;
6. Сармутахассиси шуъбаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибавӣ;
7. Сармутахассиси бахши котибот;
8. Мутахассиси пешбари раёсати ҳуқуқ;
9. Мутахассиси пешбари раёсати ҳуқуқ;
10. Мутахассиси пешбари бахши котибот;
11. Мутахассиси раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техника;
12. Мутахассиси раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нафту газ;
13. Мутахассиси раёсати захираҳои об;
14. Мутахассиси раёсати муносибатҳои байналмилалӣ.

**Шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои зеринро ба бахши кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат (кӯчаи Шамсӣ, 5/1) пешниҳод намоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (сурати рангаи 3х4 ва 4х6, 4 дона);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки агар шахс собиқаи меҳнатӣ надошта бошад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии (шакли 038УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулки худ;
- маълумотнома оид ба доғи судӣ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат.

Талабот барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ:

- сардори раёсат - 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- муовини сардори раёсат - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- сармутахассис - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- мутахассиси пешбар - 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

Музди меҳнат барои сардори раёсат – 3300 сомонӣ, муовини сардори раёсат – 2711 сомонӣ, сармутахассис – 1660 сомонӣ, мутахассиси пешбар – 1352 сомонӣ, мутахассис – 1112 сомонӣ муайян гардидааст.

**Довталабон маълумоти иловагиро метавонанд аз сомонаи mewr.tj ва телефони 235-97-68 дастрас намоянд.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

## Ремонт существующих ДС

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного Банка для покрытия расходов Проекта « Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на ремонт существующих ДС.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 1 – Ремонт существующих ДС район Восе;**

**2. Пакет 2 – Ремонт существующих ДС район Восе.**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте **с 9⁰⁰ до 15⁰⁰ по местному времени.**

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу **до 15⁰⁰, 3 октября 2022 года.**

**Министерство финансов Республики Таджикистан, ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе (Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**

**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj**
**Тел: (37) 221 06 91.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

## Реабилитация 264 учреждений ПМСП

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного Банка для покрытия расходов Проекта « Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на реабилитацию учреждений ПМСП.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 22 – Реабилитация учреждений ПМСП район Дусти;**

**2. Пакет 23 – Реабилитация учреждений ПМСП район Кубодиен.**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте **с 9⁰⁰ до 15⁰⁰ по местному времени.**

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу **до 15⁰⁰, 3 октября 2022 года.**

**Министерство финансов Республики Таджикистан**
**ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе,**
**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**
**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj Тел: (37) 221 06 91.**

IFRC

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

UNDRR UN Office for Disaster Risk Reduction

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳама шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарики рушд - Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар маблағгузорӣ шудааст, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи Лоиҳаи «Омодагӣ ба воридшавии эҳтимолии гурезагон (Emergency Appeal: MDR65006, Population Movement)» бо маблағгузории Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар:**

**Лоти 1:** Таъмини контейнерҳо;
**Лоти 2:** Таъмини молҳои ғайриозуқаворӣ (бистар, болишт, кампал ва рахти хоб);
**Лоти 3:** Таъмини қуттиҳои ёрии аввал барои дастаи гурӯҳи миллӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода ва бахшҳо;
**Лоти 4:** Таъмини автомашинаи сабукрав;
**Лоти 5:** Таъмини лампаҳои сайёри офтобӣ;
**Лоти 6:** Таъмини маводи ғайриозуқаворӣ (воситаҳои наҷотбахшӣ, воситаҳои бехатарии шахсӣ ва ғайраҳо);
**Лоти 7:** Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ;
**Лоти 8:** Таъмини таҷҳизот барои рушди инфрасохтори ҶҲАТ ва ташкил намудани Маркази идоракунию иттилоотии изтирорӣ дар сатҳи минтақавӣ;
**Лоти 9:** Таъмини таҷҳизот ва либосаи махсус (униформа) барои аъзои кумитаҳои маҳал оид ба ҳолатҳои фавқулода ва гурӯҳҳои миллии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода;
**Лоти 10:** Ташкил ва таъмини шароити зарурӣ ҷиҳати баргузории семинар дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

**Аз рӯи Лоиҳаи «Сафарбаркунии ҷомеа оид ба эмгузаронии COVID-19» бо маблағгузории Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар;**

**Лоти 11:** Таъмини таҷҳизот ва либосаи махсус (униформа - визибилити);
**Лоти 12:** Таъмини таҷҳизоти оргтехникӣ;
**Лоти 13:** Хизматрасонии аниматорҳо дар вилояти Суғд (гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ дар 125 мактаби 15 шаҳру ноҳияи мақсадноки лоиҳа байни талабаҳои синни 12-16 сола);
**Лоти 14:** Таъмини автомашинаи сабукрав;
**Лоти 15:** Таъмини сумкаҳои шахсӣ барои ҳавасмандгардонии намояндаҳои гурӯҳҳои мақсадноки лоиҳа;
**Лоти 16:** Таъмини ниқоб ва антисептик.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120 бо унвони «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз дар онҳо таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: то 3 октябри соли 2022, соати 09.⁰⁰ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи A03740131-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 16 июни соли 2021 ба Раҳимова Умеда Алиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи хизматии силсилаи АД №0439-и гумшуда, ки онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ба Нуриддинов Абдураҳмон Бобоёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи нопурраи силсилаи А № 509743-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1990 ба Шарипов Амриддин Нуриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аппарати хазинавии «Меркурий» 130 Ф № 203376-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2017 ба мағозаи «А. Азиз» додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЖВ-1 № 139570-и гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Калинин (ҳоло Саидмӯъмин Раҳимов) соли 1983 ба Қаҳоров Лолахон Ғафурзода додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №9624-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 30 сентябри соли 2020 ба Абдураҳимов Усмонқул додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хоҷагидории таҳти қайди шахсии 1811 ва рақами кадастрии 1278-и гумшуда, ки онро ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе) соли 1991 бо суроғаи деҳаи Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ ба Ҳалимов Барот додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0122014-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 10 июни соли 2014 ба Воҳидов Хуршед Аббосович додааст, инчунин Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ бо РМА 015143059-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 10 июни соли 2014 ба Воҳидов Хуршед Аббосович додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи ДШ № 0505311-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1 апрели соли 2010 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 93/1, ҳуҷраи 19 ба Рустамов Ҷалолиддин Исматуллоевич додааст, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи нафақавии №12748-и гумшуда, ки онро РМИ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 августи соли 2015 ба Шоев Давлаталӣ Сайалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи ШТС №0072168-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №94-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2003 ба Халиков Сайфулло Мирзоумедович додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

**САРМУҲАРРИР**
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 19 сентябри соли 2022, соати 18:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха*

Навбатдорони шумора М. Ҳисорӣ ва Ш. Абдулвоҳидова

Таррохони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров